**СУРАТМАҶЛИСИ №6**

**маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-104 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**«24» апрели соли 2026** **г. Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2025, №421/шд тасдиқ шудаанд, 7 нафар ҳузур доштанд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Пешниҳод гардид, ки маҷлис оғоз карда шавад. Пешниҳоди дигар ворид нашуд. Қарор якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон дар мавзуи «Камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ (таҳлили сотсиологӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ).

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор Шоисматуллоев Шоназар баромад намуд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Муҳиддинҷон дар мавзуи «Камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ (таҳлили сотсиологӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) пешниҳод шудааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– доктори илмҳои сотсиологӣ, профессори кафедраи сотсиологияи Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек Хусанова Хайринисо Тайировна;

– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Насирова Умеда Наимовна;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин карда шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Чопи автореферати диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мутахассис мебошанд, тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои фалсафа, дотсент Назар Муъмин Абдуҷалол;
- доктори илмҳои фалсафа, профессор Қурбонов Абдураҳмон Шерович;
- доктори илмҳои фалсафа Кахоров Гаюр Гафурович;
- доктори илмҳои фалсафа Маҳмадизода Нозим Давлатмурод;
- доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор Шоисматуллоев Шоназар.

7. Санаи ҳимоя «30» июни соли 2026, соати 13:00 таъин карда шавад.

Қарор бо овоздиҳии кушода якдилона қабул гардид.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, дотсент** _______________/ **М. Назар**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** _______________/ **Б. Насурова**